**СУРАТМАҶЛИСИ №2**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 14-уми феврали соли 2025** **ш.Душанбе**

Муовини раис – доктори илмҳои фалсафа, Маҳмадизода Нозим Давлатмурод.

Котиби илмӣ – номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович.

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01-уми октябри соли 2024, таҳти №364/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.
2. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

## Қарор қабул карда шуд:

1.Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;

- Мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои сиёсӣ Назиров Назир Давлатхоҷаевич.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 18-уми апрели соли 2025, соати 10:00 таъйин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /_____________/ Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_____________/ Сангинов Н.Н.